# ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ФАРМОИШ

аз «06» январи соли 2020, **№ 05**                    ш. Душанбе

Дар бораи бақайдгирии пурраи маъюбон
дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ

Дар асоси дастуру супоришҳое, ки аз паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 26 декабри соли 2019 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, бо мақсади иҷрои банди 14 протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, №12 ва моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон” мутобиқи банди 10 Низомномаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014 таҳти №148 тасдиқ шудааст,

## ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Аз 15 январ то 30 апрели соли 2020 дар 56 шаҳру ноҳияҳои боқимондаи ҷумҳурӣ бақайдгирии пурраи шахсони маъюб аз рӯи намунаи варақаи муқарраргардидаи бақайдгирии шахси маъюб гузаронида шавад.
2. Ҷиҳати гузаронидани бақайдгирии пурраи шахсони маъюб бо роҳбарии муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шодихон Ҷамшед гурӯҳҳои кории вазорат таъсис дода, барои бақайдгирии пурраи маъюбон ба шаҳру ноҳияҳои интихобшуда сафарбар карда шаванд (Дастурамали корӣ, ҳайати гурӯҳҳои корӣ ва ҷадвали сафарҳои хизматӣ замима мегарданд).
3. Ба директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ (Холзода А. Қ.) супориш дода шавад, ки муваққатан то 1 июни соли 2020 дар доираи имкониятҳои лоиҳаи “Таҳкими низоми ҳифзи иҷтимоӣ” оид ба воридсозии маълумотҳои варақаҳои бақайдгирии шахсони маъюб ба махзани ягонаи электронии маъюбон Гурӯҳи техникии дахлдор таъсис дода, дастурамали фаъолияти онро тасдиқ намояд.
4. Ба сардори Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоӣ (Амиршозода Ш.Т.), директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии

аҳолӣ (Холзода А. Қ.), гурӯҳи ҳамоҳангсоз ва техникии лоиҳаи “Таҳкими низоми ҳифзи иҷтимоӣ” сардорони раёсатҳои тандурустии ВМКБ, вилоятҳои Суғд ва Хатлон, шаҳри Душанбе, директорони муассисаҳои давлатии "Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавӣ" ва "Маркази ҷумҳуриявии омор ва иттилооти тиббӣ", роҳбарони шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар мувофиқа бо мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати самаранок ва саривақт гузаронидани бақайдгирии шахсони маъюб, таъминоти шароити фаъолияти самараноки гурӯҳҳои кории мазкур мусоидат карда, иштироки шахсони масъулро дар чорабинии пешбинишуда таъмин намоянд.

5. Ба инобат гирифта шавад, ки масрафи сафарҳои хизматии кормандони дастгоҳи маркази вазорат, Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоӣ ва Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аз ҳисоби маблағҳои дар ин самт пешбининамудаи лоиҳаи “Таҳкими низоми ҳифзи иҷтимоӣ” пардохт гардида, дар давраи сафари хизматӣ музди меҳнати ҳайати гурӯҳҳои корӣ дар ҷои кори асосӣ нигоҳ дошта шавад.

6. Ба директори Муассисаи давлатии «Базаи ҷумҳуриявии автомобилӣ”-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Абдураҳмонов Ҷ.Г.) супориш дода шавад, ки барои анҷоми сафари хизматии муовини вазир Шодихон Ҷамшед автомашинаи хизматии “Хундай Сантафе”, рақами давлатиаш 572 TJ-ро бо маводи сӯзишворӣ таъмин ва ронанда Каримов Ш-ро сафарбар намояд.

7. Назорати иҷрои фармоиши мазкурро ба зиммаи худ мегузорам.

Вазир Н. Олимзода